**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035-и**
**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 4-уми июли соли 2024, № 13**

дар бораи сазовор донистани Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

Диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) санаи 18-уми апрели соли 2024 (суратмаҷлиси № 9) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114/шд аз 19.05.2023 с.) ба ҳимоя қабул шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич 11 январи соли 1989 дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро бо ихтисоси муаррих ва ҷомеашинос,

омӯзгори фанни таърих хатм карда, соли 2019 ба шуъбаи рӯзонаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон дохил гардида соли 2022 онро хатм намудааст. Дар замони таҳияи диссертатсия Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич ба ҳайси аспирант (солҳои 2019 - 2022) ва сармутахасиси раёсати таълими Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ фаъолият мекард.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянин Россия ва Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М. Ҳ..

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳамидзода Фуркат Муқим** - доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Раҳимов Файзиддин Дониёрович** - номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар тақризи таҳиякардаи эксперт - доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд Холович зикр менамояд, ки диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи номбурда аз 5 июни соли 2024, протоколи № 11, муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд. Муассисаи пешбар дар хулосаи худ иброз менамояд, ки диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад. Муассисаи пешбар хулоса баровардааст, ки унвонҷӯ бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ оид таърихи азхудкунӣ ва рушди соҳаи энергетикаи Тоҷикистони Ҷанубу Шарқӣ дар шакли том таҳқиқи илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқ пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти калон доранд

Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти мақолаҳо дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Алимардонов, Б.М. Таъсири захираҳои обию энергетикӣ ба инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон / Б.М. Алимардонов // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2020. - №3 (47). – С. 15-20.

2. Алимардонов, Б.М. Электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон вааҳаммияти иҷтимоию фарҳангии он / Б.М. Алимардонов // Паёми Институти забонҳо (серияи илмҳои филологӣ, педагогӣ ватаърихӣ). - 2021.- №3 (43). - С. 166 -173.

3. Алимардонов, Б.М. Таърихи ҷустуҷӯи захираҳои энергетикӣ ватаъмини энергетикии минтақаҳои гарми Тоҷикистон / Б.М. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. - №6 (101). – С. 295-300.

4. Маликов, М.Х., Алимардонов, Б.М. Масъалаҳои мубрами таъмини аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо қувваи барқ / М.Х. Маликов, Б.М. Алимардонов // Муаррих. – 2023. - № 1 (33). - С 72-77.

**Интишороти мақолаҳо дар маҷмуаҳои дигари илмӣ ва маводи конференсияҳо:**

5 Алимардонов, Б.М. Мушкилотибо қувваи барқ таъмин шавии ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон / Б.М. Алимардонов // Паёми Институти тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон. – 2022. - С 44-52.

6. Алимардонов, Б.М. Ҳазмшавии қувваи захираҳои обӣ ватаъсири он ба соҳахои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ / Б.М. Алимардонов // Паёми Институти тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. – С. 49-50.

7. Алимардонов, Б.М. Инкишофи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият / Б.М. Алимардонов // Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи мероси фарҳангию таърихӣ ва

педагогиихалқи тоҷик (ДСРТ, 27-уми ноябри соли 2020). - Душанбе, 2020. - С. 181-186.

8. Алимардонов, Б.М. Захираҳои энергетикии Тоҷикистон ва таҷрибаиазхудкунии онҳо / Б.М. Алимардонов // Конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи “Таҳқиқи муҳандисӣ, инноватсия вамаблағгузорӣ ба энергетика ва истеҳсолот” (Институти энергетикаи Бохтар, 25 апрели соли 2023). - Бохтар, 2023. - С. 157-161.

9. Алимардонов, Б.М. Биогаз – алтернатива барои гази табиӣ / Б.М. Алимардонов // Конференсияи 3-юми ҳар 27 солаи илмию-амалӣ бо иштироки мутахассисон аз кишварҳои хориҷӣ. Паёми Институти тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - С. 95-96.

10. Алимардонов, Б.М. Сохтмони истгоҳҳои барқӣ ва моҳияти иҷтимоии онҳо / Б.М. Алимардонов // Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Энергетика: вазъи дурнамои инкишоф» (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 20 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. - С. 334- 338.

11. Алимардонов, Б.М. Истеъмоли қувваи барқ дар нуқтаҳоимарказии гармидиҳанда / Б.М.Алимардонов // Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии «Энергетика: вазъ ва дурнамои инкишоф» (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ).– Душанбе, 2023. - С. 488-490.

**Ба диссертатсия ва автореферат чор тақризи мусбӣ ворид шудааст:**

**1. Тақризи Махмадзода Убайдулло** - номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**2. Тақризи Шарипов Маликшо** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**3. Тақризи Муллоҷонов Асадулло** - номзади илмҳои таърих, сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**4. Тақризи Алишери Амирхон** - номзади илмҳои таърих, мудири

кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Дар умум, тақризҳо мусбат буда, дар онҳо ҷанбаҳои мусбат, навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар тақризҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи электрикунонии Тоҷикистон, хусусан, оид ба электрикунонии ноҳияҳои ҷанубии шарқии кишвар дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант:**

- ***коркард карда шуд:*** масоили марбут ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ва дараҷаи таъсири он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон;
- ***пешниҳод шудааст:*** манзараи воқеии захираҳои обию энергетикии ин минтақа; сатҳи амалии истифодабарии захираҳои обию энергетикии минтақа бо мақсадҳои истеҳсолӣ; вазъи равандҳои истифодабарии қувваи барқ дар фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ин ноҳияҳо; аҳаммият ва нақши қувваи барқ дар ҳаёти фарҳангӣ ва маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ.
- ***исбот шудааст:*** мавҷудияти сарчашмаҳои асосии истеъмоли қувваи барқ дар ин минтақаҳо ва аҳаммияти таърихии қувваи барқ дар тағйирёбии ҳаёти фарҳангии аҳолии Тоҷикистон;

- *асоснок карда шудааст:* зарурати созмондиҳии маҷмааи сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои мунтазам бо шабакаи барқӣ таъмин кардани ҳамаи минтақаҳои кишвар асоснок карда шуд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- *исбот карда шудааст,* ки ҳарчанд дар асарҳои коллективӣ ва бунёдӣ доир ба таърихи халқи тоҷик, инчунин дар корҳои муҳаққиқони зиёд масъалаҳои захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, амалияи омӯзиш ва азхудкунии онҳо, инчунин равандҳои истеҳсолии хоҷагии халқ, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ҷумҳурӣ дар истифодабарии қувваи барқ баррасӣ шуда бошанд ҳам, дар дар ин корҳо раванди электрикунонии ноҳияҳои омӯхташаванда таҳлил карда нашудааст, бо вуҷуди он, ки ин ноҳияҳо ба нақшаи аввалини электрикунонии ҷумҳурӣ ворид шуда буданд;

- *усулҳои муосири* таҳқиқ истифода гардиданд, ки байни онҳо ба методҳои илмии таърихият, ҳувият, воқеияти илмӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ афзалият дода шудааст. Дар баробари ин, асоси таҳқиқи мазкурро усули мушкилотӣ-хронологӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани таърихи электрикунонии ин минтақаи наздисарҳадӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию маишии аҳолии минтақа имконияти хуб фароҳам меоранд.

- *баён шудани* воқеияти дар давраи шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ дорои имтиёзҳои махсус будан, таҳти назорати махсуси ҳукумати кишвар қарор доштани инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ҳамчун ноҳияҳои наздисарҳадӣ;

- *ошкор карда шудааст,* ки қувваи барқ дар инкишофу тағйироти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию маишии соҳаҳои ҳаёти аҳолии Тоҷикистон нақши самаранок мебозад. Истифода бурдани қувваи барқ дар хоҷагиҳои аҳолии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, дар истеҳсолоти кишоварзӣ, дар корхонаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, бо

мақсадҳои фарҳангию маишӣҳаёт ва сатҳи рӯзгори сокинони ин ноҳияҳоро ба куллӣ дигаргун месозад;

- ***омӯхта шуданд*** сарчашмаҳои асосии истеъмоли қувваи барқ дар ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, дараҷаи истифодабарии қувваи барқ аз тарафи хоҷагиҳои фермерӣ ва аҳолии ин минтақаҳои кишвар барои эҳтиёҷоти истеҳсолии хоҷагии деҳот, корхонаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва маишии аҳолии деҳот;

- ***муайян ва мушаххас шуданд*** аҳаммияти байналхалқии сиёсати Иттиҳоди шуравӣ доир ба электрикунонии ноҳияҳои наздисарҳадӣ, заминаҳои моддӣ ва дурнамои сохтмони истгоҳҳои барқии нави хурд, миёна ва калон дар ҳудуди Тоҷикистон, дурнамои рушди энергетикӣ ва электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии кишвар.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

- ***коркард ва ҷорӣ када шуд:*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи мероси фарҳангию таърихӣ ва педагогиихалқи тоҷик (ДСРТ, 27-уми ноябри соли 2020), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Таҳқиқи муҳандисӣ, инноватсия вамаблағгузорӣ ба энергетика ва истеҳсолот" (Донишкадаи энергетикии Бохтар, 25 апрели соли 2023), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Энергетика: вазъи дурнамои инкишоф» (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 20 декабри соли 2023), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Энергетика: вазъ ва дурнамои инкишоф» (Донишгоҳи техникии Тоҷикистонба номи академик М.С. Осимӣ, соли 2023) ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

- ***муайян карда шуд:*** ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, фарҳанги он, энергетикаи вилояти Хатлон, дар таҳқиқоти иловагӣ доир ба таърих

фарҳанги минтақаҳои гуногун ва ноҳияҳои кишвар, зимни гузарондани курсҳои алоҳида доир ба таърихи энергетикаи кишвар ва ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, дар бозгашт ба равшансозии масъалаҳои фаромушшудаи сиёсати ҳукумати шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди фарҳангии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навистани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон медиҳанд;

- *таҳия карда шуд:* барномасозии нави сохтмони иншооти энергетикӣ ва электрикунонӣ, хусусиятҳои хоси истифодаи қувваи барқ дар хоҷагии деҳот ва корхонаҳои саноатӣ, электрикунонии соҳаҳои маданию маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар заминаи таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмуаҳои марбута;

- *муаррифӣ карда шуд:* масоили гуногуни энергетикӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои таърихии электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, захираҳои обӣ-энергетикӣ, таҷрибаи аз худ кардани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии иншооти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-маишии ноҳияҳои мазкур ва тайёр кардани мутахассисон-энергетикҳо.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** бар асоси дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои мо оид ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърихи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Хулоса ва тавсияҳои

баёншуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд;

- *ғояи* таҳқиқот дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаи энергетика вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст ва дар шакли мукаммал масъалаҳои марбут ба электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ баррасӣ карда шуданд. Таҳқиқот дар асоси омӯзиши маводҳои бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводҳои мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита бо электрикунонии корхонаҳои ватанӣ, иқтисодиёт ва ҳаёти фарҳангии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон алоқаманд аст, таҳия шудааст. Аксарияти ин маводҳо нахустин бор ба муомилаи илмӣ ворид карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии маълумот дар асоси принсипу усулҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият ва беғаразӣ дар асоси арқому омор мавқеи асосиро ишғол менамоянд, истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ маводи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони шуравӣ ва давраи истиқлолият муфассал таҳлил карда, дар таҳқиқи он саҳми худро гузоштааст. Доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда муаллиф ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардида, таклифу тавсияҳои худро баён кардааст ва мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омадааст, ки диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона бaанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар маҷлиси худ аз 4 июли соли 2024 (аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар ҳузур доштанд) қарор қабул намуд, ки ба диссертант Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) дода шавад.

Ҳангоми баргузории овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

Натиҷаи овоздиҳӣ: аз 13 нафар аъзои шуро «ҷонибдор» – 13 нафар, «муқобил» – нест «бюллетенҳои беэътибор» – нест

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Саидов А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

**4 июли соли 2024**